НАШРИЯИ МОҲОНАИ № 3 (67)
КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРЯГУЗОРӢ

МАВЗӮЪҲОИ АСОСӢ:

- **Мулоқоти Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони рушд**
- **Видеоконфронс бо шарикони амрикоӣ**
- **Ислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
- **Баргузории чорабиниҳои самти соҳибкории занон**

- Форуми минтақавии занони соҳибкор таҳти унвони "Рушди сайёҳӣ дар Осиёи Марказӣ тавассути тавсеаи иқтидори ҳунармандӣ"

- Ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон

МУЛОҚОТИ РАИСИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ШАРИКОНИ РУШД

Нимаи дуюми рӯзи 12 апрели соли 2018, мулоқоти Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиби масъули Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Ҳамрализода Фаррух Маҳмуд бо шарикони рушд баргузор градид.

Мулоқотро муҳтарам Ҳамрализода Ф. М. ифтитоҳ намуда, бо пазиро̄й аз иштирокчиён ва арзи миннатдории самимӣ ба шарикони рушд барои ҳамкориҳои самаранок оид ба тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ислоҳоти институтсионалӣ ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ тавассути такмили заминаи қонунгузорӣ, таҳкими низоми татбиқи қарордодҳо ва идоракунии корпоративӣ, таъмини ҳуқуқҳои моликият, гузаронидани ислоҳоти манфиатовар ҷиҳати тақвият додани устувории молиявӣ ва рақобатпазирии бонкҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва корхонаву муассисаҳои давлатӣ, бартараф намудани монеҳои маъмурии иловагӣ ва бо ин роҳ баланд бардоштани иқтидори сармоягузории кишвар ибрози назар намуд.

Тавре зикр гардид, ҳамкориҳо бо шарикони рушд дар доираи

Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва Ҳадафҳои Рушди Устувор, ки дар санадҳои стратегии кишвар, аз ҷумла Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 инъикос

ёфтаанд, ба роҳ монда шудааст.

Аз ҷумла қайд карда шуд, ки дар Стратегияи барои давраи то соли 2030, гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи самарабахши нерӯи барқ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан, таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва ниҳоят вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул, ҳадафҳои стратегии Ҳукумати ҷумҳурӣ муайян гардида, онҳо таҳвиятбахшандаи ҳадафҳои стратегии амалкунанда маҳсуб меёбанд.

Сипас, Ҳамрализода Ф. М. дар раванди татбиқи барномаю стратегияҳои мазкур оид ба дастовардҳои ҷумҳурӣ ва ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои зикршуда, самаранокӣ ва рақобатпазирии тамоми нерӯву иқтидорҳо, масъалаю мушкилоти дар самти фаъолияти соҳибкорию сармоягузорӣ мавҷудбуда ва бартараф кардани он, таъмини иҷрои тадбирҳои

минбаъда, инчунин саҳми давлат, бахши хусусӣ ва шарикони рушдро дар ин самт қайд кард.

Дар мулоқот Маҷидӣ Юсуф Хайрулло Сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Абдулмаҷид Муъминзод Муовини якуми Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Нигина Анварӣ ва Орзу Аҳмадзода муовинони Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Шараф Шерализода Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Ясмин Гуедар, Сафири Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҳисоби шарикони рушд - Прадип Шривастава, Роҳбари Намояндагии Бонки Осиёии Рушд дар Тоҷикистон, Айтен Рустамова Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Ян Петер Олтерс Роҳбари Намояндагии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон, Саня Боянич Муовини Намояндаи доимии Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон, Туула Юрёля Намояндаи доимии Бюрои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон, Хидаеят Бишчевич Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Питер Фернандес Карди Роҳбари Намояндагии Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир дар Тоҷикистон, Кристин Лаабс Роҳбари KfW, Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии шарикони рушд, Бернадетте Ной Роҳбари Намояндагии Агентии Олмон оид ба

ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон, Корин Деменж Муовини Намояндаи доимии Котиботи ҳамкориҳои Швейтсария дар Тоҷикистон, Рашид Кадиров Роҳбари Намояндагии Бонки Авруосиёгии рушд дар Тоҷикистон, Манижа Мамаднабиева Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон, Юрий Соболев, Роҳбари Намояндагии Хазинаи байналмилалии асъор дар Тоҷикистон, Хидеки Танабе Роҳбари Агентии Ҷопон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон, Кэтрин Кроуфорд Роҳбари Намояндагии ЮСАИД дар Тоҷикистон ва дигар намояндагон иштирок намуданд.

Иштирокчиён атрофи масъалаҳои дар мулоқот баёнгардида фикру мулоҳиза ва пешниҳодоти худро вобаста ба самтҳои ҳамкорӣ иброз доштанд.

Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрализода Фаррух Маҳмуд зимни ҷамъбасти мулоқот изҳори итминон намуд, ки саҳми шарикони рушд дар беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, тавассути татбиқи тадбирҳои созанда, таҳия ва пешниҳоди масъалаҳои соҳибкорию сармоягузорӣ, амалисозии нақшаҳо дар самти татбиқи ислоҳот ҳарчӣ бештар муассир мегардад ва дар ин самт ба шарикони рушд барору комёбиҳо таманно намуд.

ВИДЕОКОНФРОНС БО ШАРИКОНИ АМРИКОӢ

Рӯзи 19 апрели соли 2018, дар идораи Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар шаҳри Душанбе бо намояндагони Шӯрои Тиҷоратии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Тоҷикистон, Корпаратсияи маблағгузории шахсии беруна (OPIC) ва Агентии кафолатии сармоягузории бисёрҷониба (MIGA) видеоконфронс баргузор гардид. Дар конфронс, роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Шараф Шерализода, намояндагони Сафорати ИМА дар Тоҷикистон ва намояндагони бахши хусусӣ ширкат варзиданд.

Нахуст, ҷаноби Набил Фаваз, роҳбари Глобалии агробизнес ва хизматрасонии умумии Агентии Кафолатии сармоягузории бисёрҷониба, узви гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ (MIGA), оид ба ҳамкорӣ ва хизматрасониҳои MIGA муаррифӣ манзур намуд. Дар муаррифнома оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳамкориҳо бо MIGA, аз ҷумла додани кафолат ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Сипас, хонум Тара Блейк, Директори Лоиҳаҳои маблағгузории байналмиллалии OPIC оид ба ҳамкорӣ ва хизматрасониҳои OPIC, тартиб ва шартҳои асосии маблағгузории лоиҳаҳо, тартиби суғуртаи хавфҳои сиёсии лоиҳа, тартиби мувофиқакунонии лоиҳа барои маблағгузорӣ ва лоиҳаҳои дар минтақа маблағгузоришуда муаррифӣ пешниҳод намуд.

Қайд гардид, ки ташкилоти мазкур то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 10 лоиҳаро ба маблағи умумии 40 миллион доллари ИМА маблағгузорӣ намудааст. Ҳамчунин, зикр гардид, ки имкониятҳои маблағгузории OPIC барои Тоҷикистон 504 миллион доллари ИМА арзёбӣ гардида, айни ҳол маблағгузориҳои OPIC 32

миллион доллари ИМА, яъне танҳо 6.4% ин имкониятҳоро ташкил медиҳанд.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Шараф Шерализода барои густариш бахшидани ҳамкориҳо ва истифода аз имкониятҳои маблағгузории шарикони амрикоӣ изҳори итминон намуд.

ИСЛОҲОТ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Рӯзи 26 апрели соли 2018, дар меҳмонхонаи “Ҳаят Реҷенсӣ”-и пойтахт бо иштироки Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бизнес-субҳона: Ислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.Зимни сухани ифтитоҳии худ, Раиси Шӯрои Раёсати Амчам Гуланор Атобек ба Шараф Шерализода, Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои иштирок ва омодагӣ ҷиҳати суханронӣ дар чорабинӣ изҳори миннатдорӣ намуд. Таъкид гардид, ки ҳадаф аз баргузор кардани чорабинӣ, ин якҷо бо мансабдорони давлатӣ ва дар муҳити ғайрирасмӣ баррасӣ намудани масъалаҳо, маҳдудият ва мушкилоти дар роҳи рушди Тоҷикистон мавҷудбуда иборат мебошад.

Шараф Шерализода, Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ дар баромади худ нахуст аз Раёсати АмЧам барои баргузорӣ ва даъват ба ин чорабинӣ арзи сипос намуда, омодагии Котиботи Шӯрои машваратиро барои ҳамкорӣ бо намояндагони ташкилотҳои соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ иброз дошт. Тавре Роҳбари Котибот таъкид намуд, Шӯрои машваратӣ ин майдони муколамаи созанда байни давлат ва бахши хусусӣ баҳри баррасӣ ва қабули санадҳои дахлдор вобаста ба рушди соҳибкорию сармоягузорӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, Роҳбари Котибот ба иштирокчиён дар бораи ислоҳот ва натиҷаҳои он дар самти рушди иқтисодии кишвар, ки аз тарафи давлат баҳри рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад, ба таври муфассал иттилоъ дод. Дар ин замина оид ба ташаббусҳои минбаъдаи давлат ҷиҳати дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ ва дар ин замина беҳтар гардонидани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ёдрас намуд.

Пас аз суханронӣ, Роҳбари Котибот Шараф Шерализода, ба саволҳои аъзои Амчам, ки сармоягузорони маҳаллӣ ва хориҷиро намояндагӣ мекунанд, посух дод.

Саволу пешниҳодот ва посухҳо атрофи масъалаҳои мубрами соҳибкорию сармоягузорӣ сурат гирифтанд.

БАРГУЗОРИИ ЧОРАБИНИҲОИ САМТИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН

ФОРУМИ МИНТАҚАВИИ ЗАНОНИ СОҲИБКОР ТАҲТИ УНВОНИ “РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ТАВАССУТИ ТАВСЕАИ ИҚТИДОРИ ҲУНАРМАНДӢ”

6 апрели соли 2018 бо иқдоми Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар доираи фаъолияти Гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи кор бо занон ва оила, Ассотсиатсияи соҳибкории хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Бизнес - Форуми минтақавии занони соҳибкор таҳти унвони “Рушди сайёҳӣ дар Осиёи Марказӣ тавассути тавсеаи иқтидори ҳунармандӣ” баргузор гардид.

Дар кори форум намояндагони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, вазорату идораҳо, аъзои Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба дастгирии соҳибкории занони назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони рушд, бизнес-ассотсиатсияҳо, ширкатҳо, бонуҳои муваффақи бахши сайёҳӣ ва ҳунармандии ассосиатсияҳои бонувони соҳибкор, ширкатҳои сайёҳию ҳунармандии Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок намуданд.

Дар ҷаласа бо сухани ифтитоҳӣ Ҳилолбӣ Қурбонзода, Раиси Кумита оид ба корҳои иҷтимоӣ, оила ва тандурустии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нигина Анварӣ, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кевин Кэвер, Кордори ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуданд.

Дар баромадҳо аз ҷумла қайд гардид, ки бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардида, барои расидан ба ин ҳадаф, дастгирии сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ заминаҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд. Барои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бунёди инфрасохтори соҳа, зиёд намудани шумораи сайёҳон маҷмӯи тадбирҳо андешида мешаванд. Бинобар ин, мақсади Форум аз баррасии масъалаҳои муҳимтарини баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ҳунармандӣ, имконияти рушди сайёҳии минтақавӣ ва дар шароити афзоиши аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли ҷумҳурӣ таъмин бо шуғл иборат аст.

Кори форум дар бахшҳои зерин идома дода шуд:

- чамъбасти таҳлилҳо оид ба афзалиятҳои иқтисодии эътирофи занон, ҳамчун субъектҳои иқтисодӣ дар доираи таъмини дастгирӣ

дар самти беҳтар кардани ҳуқуқҳои иқтисодии занон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;

- таҳкими шабакаи касбӣ дар минтақа ва истифодаи тиҷорати электронӣ ва технология барои тиҷорат;

- таҳвияти бахшидани имкониятҳои занон дар бахши сайёҳӣ дар Осиёи Марказӣ;

- таҳвияти бахшидани имкониятҳои занон дар бахши ҳунармандӣ дар Осиёи Марказӣ;

Рӯзи дуюми Форум ба омӯзиш ва тренингҳои мизи мудаввар барои занони соҳибкор бахшида шуд, ки ба занони соҳибкор барои имкониятҳои роҳандозии технологияҳои иттилоотӣ дар тиҷорат, истифодаи усулҳои муосири ҳавасмандгардонии кормандон ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои пешбурди тиҷорат имкон медиҳад.

Дар анҷоми кори форум, иштирокчиён як қатор тавсияҳоро оид ба беҳтар намудани имконият барои соҳибкории занон ва тадбирҳои дастгирии давлат барои пешбурди соҳибкории занон қабул намуданд.

Дар доираи чорабинӣ инчунин намоиши ярмаркаи маҳсулоти истеҳсолкардаи занҳои соҳибкори самти сайёҳӣ, ҳунармандӣ, агросаноатӣ ва технологияҳои иттилоотӣ баргузор гардид.

ҶАЛАСАИ ГУРӮҲИ КОРИИ БАЙНИИДОРАВӢ ОИД БА ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН

30 апрели соли 2018 ҷаласаи васеи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон. Дар он Раиси Гурӯҳи корӣ, муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нигина Анварӣ, ҳайати гурӯҳи корӣ ва коршиносони лоиҳаи «Ислоҳоти фазои сармоягузорӣ бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ»-и Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд иштирок намуданд.

Дар ин ҷаласа натиҷаҳои мушаххаси таҳлили гендерии фазои сармоягузорӣ ва тавсияҳо, масъалаҳои вобаста ба таҳияи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани ҷанбаҳои гендерии фазои сармоягузорию соҳибкорӣ дар ҶТ муаррифӣ карда шуд.

Дар назар дошта мешавад, самтҳои афзалиятноки ислоҳот дар самти дастгирӣ ва рушди соҳибкории занон ва дигар масъалаҳои дар чорабинӣ баррасишуда ба лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо ворид ва ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда хоҳад шуд.

Котиботи Шӯрои машваратии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид
ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ